*Ба Шурои диссертатсионии* ***6D.КОА-016-и*** *назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146.*

**Тақриз**

ба автореферати диссертатсияи Мирзоев Сухбатулло Авгонович дар мавзуи «Ташаккули механизми рушди ҳудудҳои деҳот дар доираи сиёсати иҷтимоию-иктисодии давлат (дар асоси маводи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02–Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ пешниҳод шудааст.

Таҳияи механизмҳои рушди устувори ҳудудҳои деҳот дар солҳои охир ба яке аз самтҳои муҳими таҳкиқотҳои иктисодӣ табдил ёфта истодааст. Зарурати он аз тавачуҳи торафт афзояндаи давлат ба мушкилоти ҳудудҳои деҳот дар он, ки бе рушди корхонаҳои деҳотии сектори аграрии иқтисодӣ баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолии он имконнопазир аст, ҳамчунин бо сабаби механизмҳои мавҷудае, ки махсусияти деҳотро ба ҳисоб намегиранд, вобастагии зич дорад.

Роҳҳои ҳалли мушкилоти мавҷуда дар «Консепсияи рушди ҳудудҳои деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020» инъикоси худро ёфтааст. Дар он ҳадаф, вазифа ва қоидаҳои сиёсати деҳот, самтҳо, механизмҳо ва давраҳои иҷрои онҳо нишон дода шудааст. Бо вуҷуди ин, бисёр мушкилот на танҳо ҳалли худро наёфтанд, балки баъзе аз онҳо шиддат гирифтанд, ки таҳқиқ ва иҷроиши худро талаб менамоянд.

Муаллифи автореферат қайд менамояд, ки рушди устувори ҳудудҳои деҳот гуфта, рушди босуботи хоҷагии деҳот, ки рушди босамари иқтисоди деҳот, ин баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолии деҳот, нигаҳдории низоми табиию экологии таъминоти зиндагиро иҷро мекунад, фаҳмида мешавад. Гузарондани чорабиниҳои устуворгардонӣ дараҷаи сармоягузории ҳудудҳои деҳотро бояд баланд бардорад. Дар ниҳоят ин ба ҳар ноҳия ташкил намудани иқтидорҳои захиравию молиявии ҳудудҳои деҳот оварда мерасонад, ки он барои ҳалли вазифаҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодӣ, яъне, таъмини

рушди маҷмӯи низомҳои инфрасохторӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, расидан ба рушди устувори ҳудудҳои деҳот мусоидат хоҳад намуд.

Маълумотҳои дар автореферати кори диссертатсионӣ овардашуда, мубрамияти мавзуи интихобшудаи кори диссертатсиониро асоснок намуда, инчунин арзиши илмӣ ва аҳамияти амалии онро тасдиқ менамоянд.

Дар баробари муваффақиятҳо дар автореферат баъзе камбудиҳо мушоҳида карда мешаванд:

1. Омилҳои асосии рушди ҳудудҳои деҳот ба қадри зарурӣ омӯхта нашудаанд. Беҳтар мешуд, ки муаллиф ба таври муфассалтар таъсири омилҳоро ба рушди деҳот кушода ва онҳоро шарҳ медод.

2. Дар матни таҳқиқи автореферат хатогиҳои грамматикию имлоӣ мушоҳида карда мешавад.

Камбудиҳои ҷойдошта ҷузъи буда, арзиши илмӣ ва моҳияти амалии таҳқиқоти гузаронидаи диссертантро кам намекунанд.

Дар маҷмуъ метавон қайд намуд, ки автореферати кори диссертатсионии Мирзоев Суҳбатулло Авғонович дар мавзуи «Ташаккули механизми рушди ҳудудҳои деҳот дар доираи сиёсати иҷтимоию-иқтисодии давлат (дар асоси маводи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ мебошад.

Тақриздиҳанда: мудири кафедраи
баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва
аудити ДДОТ ба номи С. Айнӣ, н.и.и., дотсент Ш. Давлатали

Суроға:, 734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121, E-mail: info@tgpu.tj WWW: www.tgpu.tj, Телефон: +992(37) 224-13-83

Имзои Ш. Давлаталиро тасдиқ мекунам,
сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС